# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00-Забоншиносӣ (10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ)**

Диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович ба яке аз мавзуъҳои мубрами забоншиносии тоҷик – муқоисаи унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир, бахшида шудааст. Бояд гуфт, ки мавзуи мавриди таҳқиқ аз чанд ҷиҳат арзишманд мебошад: якум ин ки хонанда аз сайри таърихии маънову вазифаҳои ҳиссаҳои ёвари нутқи сервазифа огоҳӣ пайдо менамояд; дигар ин ки бо услуби баёни суханварони классикиву муосир ошно шуда, омилҳои дар забони нигориши онҳо роҳ ёфтани тарзҳои ғайримаъмули истифода гардидани иддае аз аносири сарфию наҳвии ёварро дарк мекунад. Маҳз аз ҳамин дидгоҳ муҳаққиқ дар муқаддимаи диссертатсия иброз медорад, ки то имрӯз ба таври комил таҳқиқ нагардидани гузаштаи дури унсурҳои ёвари сервазифа боиси ба забони тоҷикӣ роҳ ёфтани иштибоҳҳо дар кор фармудани ин гуна вожаву таркибҳо шудааст. Ҳамчунин дар забоншиносии тоҷик доир ба масъалаи мавриди баҳс, ба ҷуз қайдҳои ҷудогона, тадқиқоти комилу фарогир сурат нагирифтааст. Аз ин рӯ, ба доираи таҳлил кашидани унсурҳои ёвари сервазифа, ки то имрӯз бо таъсири омилҳои айниву зеҳнии забон аз лиҳози шакл, маъно, доираи истеъмол ва вазифаашон тағйир ёфтаанд, яке аз мавзуъҳои муҳимму саривақтист. Муқоисаи пешоянду пасояндҳо, пайвандакҳо ва ҳиссачаҳои сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо суханварони муосир мубрамии мавзуи таҳқиқро ташкил додааст.

Арзиши дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки муаллифи он кӯшиш ба харҷ додааст, то дараҷаи корбурди ин гуна захираҳои

сарфию наҳвии забон дар даврони мухталиф нишон дода шуда, раванди тадриҷии афзоиш ва сабабҳои истифодаи он инъикос гардад. Яке аз ҳамин гуна муаммоҳо аз назари таҳлил гузаронидани вижагиҳои корбурди унсурҳои ёвари сервазифа ва нишон додани сабабҳои бар дӯши гурӯҳе аз вожаву таркибҳо вогузор шудани чанд вазифаи грамматикӣ мебошад, ки диссертант бо овардани маводи фактологӣ андешаҳои назарии худро асоснок кардааст. Дар диссертатсия ҳамчунин ба баъзе нишонаҳои фарқкунандаи ҳиссаҳои ёвари нутқи се даврони инкишофи забони тоҷикӣ таваҷҷуҳ зоҳир шуда, чунин вижагиҳо бо нишон додани далелҳои мушаххас таҳлил карда шудаанд. Нуктаҳои ишорашуда ва масъалаҳои муҳимму мубрами дигар, ки дар диссертатсия мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, бешак, арзиши назариявии онро баланд бардоштаанд.

Навгонии таҳқиқи диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки маротибаи нахуст дар тули инкишофи сеҳазорсолаи забони тоҷикӣ ҷараёни майл кардани унсурҳои ёвар аз маҳдудвазифагӣ ба сервазифагӣ ошкор карда шуда, сабабҳои рухдоди чунин майлон бо зикри далелҳо баррасӣ гардидааст. Ҳамчунин дафъаи якум корбурди пешояндҳои алоҳида дар вазифаи чанд пешоянди дигар ё пасоянду пайвандаку ҳиссача баррасӣ гардида, тақдири баъдии онҳо на танҳо бо шакли меъёрии забон, балки бо шакли шифоҳиву гӯйишияш ҳаллу фасл карда шудааст. Пажуҳиш дар заминаи беш аз 90 сарчашмаи маводи фактологӣ таълиф гардидааст. Маводи дар доираи диссертатсия таҳлилшударо метавон ҳангоми таълифи васоити таълимӣ ва китобҳои дарсӣ аз сарфу наҳви таърихии забони тоҷикӣ ва ҳамчунин барои таҳияи луғатномаҳои тафсирӣ, решашиносӣ ва грамматикӣ истифода бурд. Бар замми ин, тавсияҳои амалии аз ҷониби диссертант пешниҳодшуда барои рушди минбаъдаи грамматикаҳои муосиру таърихӣ инчунин лаҳҷашиносии таърихӣ хеле муфид мебошанд.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он мебошад, ки натиҷаҳои бадастомада барои ғано гардидани маводи осори таҳқиқии марбут ба таърихи ҳиссаҳои ёвари нутқ, ошкор шудани раванди таҳаввулоти онҳо мадад хоҳад расонид.

Хулосаҳои илмии диссертатсияро метавон ба таври васеъ дар таҳияи рисолаҳои магистриву номзадӣ ва докторӣ, таълифи фарҳангҳои тафсирӣ, дастуру барномаҳои таълимӣ, хондани курсу семинарҳои махсус аз сарфу наҳв дар факултетҳои филологии муассисаҳои олии таълимӣ истифода намуд.

Бо назардошти афзалиятҳои мазкур диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо» тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Маълум мегардад, ки диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи илмӣ мебошад. Дар он саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ба таври равшан аён аст ва мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаишудаи муҳаққиқ ба пуррагӣ ҳаллу фасл гардидаанд. Нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда ва натиҷаҳои ҳосилгардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки муҳаққиқ аз ҷараёни таҳқиқи мавзуъ огоҳии комил дорад ва онро дар доираи талаботи корҳои илмӣ ба сомон расонидааст.

Мавзуи интихобшуда ва мазмуни ягонаи таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 10.02.00-Забоншиносӣ (10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 17 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи

диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ фарогири мазмуну мухтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои илмии таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамо ва тавсияҳои амалии мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудаанд. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба инобат гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» кори мукаммали аз ҷиҳати илмӣ анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти ин, диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00-Забоншиносӣ (10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00-Забоншиносӣ (10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.02.00-Забоншиносӣ (10.02.20-

Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Шафоатов Азал Нусратович** – доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов;

- **Расулов Суҳайлӣ Мирқозиевич** – доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Шокиров Т.С.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Азимова М.Н.

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви вобастаи Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон, сарходими илмии
Институти забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ Султон Ҳасан Баротзода

«26» феврали с.2024